## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасисияи Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Автореферати тақризшаванда собит менамояд, ки таҳқиқоти диссертасионии Мирзоев Ҷ.А. ба мавзӯи актуалӣ бахшида шудааст.

Мувофики мазмуни автореферат мақсади асосии таҳқиқоти диссертасионӣ таҳлили маҷмӯии таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тӯли солҳои 1991-2016 мебошад.

Диссертант бо максади муайян кардан дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дақиқона шумораи зиёди асарҳои нашргардидаро мавриди таҳлил қарор додааст. Хулосаи диссертант дар бораи дар самти таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол вуҷуд надоштани таҳқиқоти маҷмӯӣ боиси дастгирист.

Муаллиф бо таври возеҳ мақсад, вазифа ва доираи хронологии таҳқиқотро муайян намуда, дар асоси маводи нашршудаи хуҷҷатӣ масъалаҳои асосии мавзӯъро инъикос менамояд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертасияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи сиёсии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

Диссертасия аз мукаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияхо, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми диссертасия “Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиклол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ” ба масъалаҳои таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ, таҳқики масоили истиқрори сулху ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Масъалаҳои таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар таҳқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ, масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар боби дуюми диссертасия – “Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ” мавриди таҳлил қарор ёфтааст.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертасияи Мирзоев Ҷ.А. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Диссертасияи Мирзоев Ҷ.А. дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихону сиёсатшиносон ҷиҳати муайян кардани равияҳо , усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд кӯмаки воқеӣ расонанд.

Умуман автореферат ва асарҳои нашршудаи унвонҷӯ мазмуни асосии диссертасияро инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертасионии Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” ба талаботи пешниҳодкардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертасияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд. Мувофиқи

бандҳои 10, 11, 12 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и тасдиқ намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи**
**Ватан ва археологияи МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Набиев**
**Ваҳоб Машрафович**

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессори кафедраи умумидонишгоҳии**
**таърихи халқи тоҷики МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Усмонов**
**Аюб Исломович**

Имзҳои В.М.Набиев ва
А.И.Усмоновро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"** **Ашрапова З.Н.**

**735700 гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров"**
**Тел.: (+992-93) 503-52-73**
**(+992-92) 803-00-01**
**E-mail: v.m.nabiev@mail.ru**